Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур бо суроғаи: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146.

# Тақризи муқарризи расмӣ

**ба кори диссертатсионии Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзӯи «Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатӣ Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.05–Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ).**

1. **Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.**

Масъалаҳои вобаста ба танзим ва таъмини рушди ҳамаҷониба ва мутавозуни иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияҳои мамлакат, истифодаи оқилонаву самараноки иқтидори онҳо дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2030 ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок баррасӣ гардидаанд. Ҳамзамон дар ин марҳила бо тарви динамикӣ афзоиш ёфтани аҳолии кишвар ва талаботи онҳо ба маҳсулотҳои озуқаворӣ таъмини иҷрои барномаҳои давлатӣ оид ба амнияти озуқавории кишвар, зарурати зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти соҳаи хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла истеҳсолу коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир, танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи ин соҳаро талаб мекунад ва моҳияти иҷтимоию иқтисодии ин масъала торафт меафзояд.

Дар адабиёти илмӣ баҳсҳо дар бораи самту механизмҳои соҳаи кишоварзӣ, низоми давлатии танзими рушди он, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои кам масрафи истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи чорводорӣ, махсусан чорводории гӯштию ширӣ ва ба яке аз соҳаҳои сердаромад табдил додани ин соҳа зиёданд. Консепсияи рушди устувори хоҷагии қишлоқ ва бунёди зермаҷмӯи истеҳсолию коркарди маҳсулотҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла маҳсулотҳои гӯшту шир, мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор дода шудааст

Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ инчунин, вобаста ба он аст, ки зарурати тағйирдиҳии сиёсати рушди соҳаи чорводории гӯштию ширӣ, ташаккул ва инкишофи мутавозуни зераҷмӯи ин соҳаро дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ба вуҷуд меорад ва таҳқиқоти ҷиддиро талаб мекунад. Бинобар ин, омӯзиши масъалаҳои

такмили танзими давлатӣ ва рушди соҳаи чорводории гӯштию ширӣ дар шароити муосир мубрам ва актуалӣ мегардад.

**2.Дараҷаи асосноксозии муқарраroти илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дар раванди таҳлил аниқ гардид, ки муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодгардида тасдиқ мекунанд, ки онҳо аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ ба қадри зарурӣ асоснок карда шудаанд ва боэътимод мебошанд. Асосноксозии муқаррароти илмӣ, хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда, бо истифода кардани методологияи илмии таҳқиқот, таҳияи аниқи вазифаҳо ва далелнокии ҳалли онҳо тадиқ карда мешавад, ки эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашударо таъмин мекунад.

Асосҳои назариявии диссертатсияро асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳалли муаммоҳои ташаккули танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ, стратегия ва барномаҳои рушди комплекси агросаноатӣ ташкил медиҳад. Ба сифати маводи ибтидоӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳои оморӣ, инчунин маводҳои конференсияҳои илмӣ ва амалӣ, монографияҳо, маводҳои нашрияи давлатӣ, захираҳои иттилоотии «Internet» истифода бурда шудаанд. Хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ, семинарҳои илмию амалӣ баррасӣ ва эътироф шудааст. Муаллиф аз адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот хеле хуб истифода кардааст, мустақилона далелҳои оморӣ ва натиҷаҳои таҳқиқи шахсии худро дар диссертатсия коркард ва таҳлил намуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи афзалиятҳои рушди мутавозуни низоми танзими давлатии зермаҷмӯи гӯшту ширро дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ асоснок кардааст.

**3. Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзӯи дисертатсия ва таҳқиқоти Олимов Дилшод Абдулхайрович қисмҳои дар автореферат ва диссертатсия нишон додашуда ба шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси: 08.00.05–Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) мувофиқат мекунад.

**4.Навгониҳои илмии диссертатсия.**

Навгониҳои илмии диссертатсия аз асосноккунии асосҳои назариявии танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир ва коркарди роҳҳои татбиқи афзалиятҳои рушди мутавозун дар низоми давлатӣ иборат мебошад. Ба андешаи мо, натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмӣ доранд ва муаллиф онҳоро ба даст овардааст, инҳо мебошанд:

-ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир асоснок карда шудааст. Ақидаи муаллиф оид ба муайянкунии мафҳумҳои «танзими давлатӣ», банақшагирии истеҳсолот» пешниҳод карда шудааст, ки барои ба таври комплексӣ таҳлил кардани амнияти озуқаворӣи мамлакат мусоидат менамояд.

-асосҳои назариявию методологии муайян кардани нақши давлат дар танзими истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

-низоми нишондиҳандаҳои сатҳи дастгирии давлатии соҳаи чорвои гӯштию ширӣ аниқ ва самту шаклҳои танзими зермаҷмӯи гӯшту шир, васеъ ба роҳ мондани таҷрибаи пешқадами корхонаҳои ватанию хориҷӣ дар хоҷагиҳои чорводории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муайян карда шудааст.

-дар асоси таҳили ва арзёбии вазъи банақшагирии мутаносибии рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир таъсири низоми танзими дастгирии давлатии он дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аниқ карда шудааст.

-модели консептуалии танзими давлатии рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир, роҳҳои таъмини самаранокии танзими давлатӣ дар зермаҷмӯи гушту шири ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

-чорабиниҳо оид ба такмили низоми танзими далатии истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир бо дарназардошти рушди мутавозуни иқтисодиёти хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ асоснок карда шудааст.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва назариявии таҳқиқот.**

Муқаррароти асосии илмӣ ва хулосаҳои назариявии кори диссертатсионии тақризшаванда метавонанд барои муайян кардани механизмҳои танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар доираи таъмини бехатарии озуқаворӣ бо дарназардошти

истифодаи иқтидорҳои табиию захиравии минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои ба даст овардашудаи илмӣ аз нигоҳи методология, усулҳои таҳия ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир, мутобиқгардонии қарорҳои идоракунии механизми ташаккули рушди устувори истеҳсол ва коркарди саноатӣ дар зермаҷмӯи гӯшту шир истифода кардан мумкин аст. Инчунин хулосаҳо ва муқаррароти илмии дар кор асоснок гардида метавонад, ҳангоми таҳия ва амалисозии барномаҳо, стандартҳо, консепсияҳои рушди коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ истифода кардашаванд.

### 6.Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.

Сохтори диссертатсия, гузориши мақсад ва мантиқи алоқамандии онҳо тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷиҳати таҳлили васеи муаммоҳои танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир асосҳои назария ва методологиро коркард намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима се боб, хулоса ва замима иборат буда дар 198 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст. Дар диссертатсия 27 ҷадвал, 14 расм, 12 замима, оварда шудааст. Сарчашмаҳои адабиёт 197 номгӯйро дар бар мегирад.

Муаллиф дар диссертатсия асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир, ҳолати муосири танзими давлатии зермаҷмӯи гӯшту шири ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, роҳҳои татбиқи афзалиятҳои рушди мутавозун дар низоми танзими давлатии зермаҷмӯи гушту ширро дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пешниҳод намуда аст.

Дар муқаддима (саҳ 3.11.)мубрамияти мавзӯи илмӣ, мақсад ва взифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шудааст. Инчунин, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, саҳми шахсии унвонҷӯй, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаи он инъикос ёфтааст.

Дар боби якум- «Асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир» (саҳ 12-65) моҳияти иқтисодӣ, мазмуни танзими давлатӣ ва дараҷаи рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту ширро дар бар гирифта, дар он асосҳои назариявии ташаккули танзими давлатии иқтисодиёти аграрӣ дар шароити бозор

баён гардидааст. Хусусиятҳои таҷрибаи ҷаҳонии танзими давлатӣ, шаклҳои он ва имкониятҳои истифодаи таҷрибаи ватанию хориҷӣ дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳқиқ шудааст.

Муаллиф дар диссертатсия дар асоси таҳлили моҳияти иқтисодӣ ба хулосае меояд, ки иқтисоди мутавозунӣ таносуби такрористеҳсолкуниро на ҳамчун маҷмӯият, балки ҳамчун системаи дороии вобастагии байниҳамдигарӣ ва пуррагӣ бояд мавриди назар қарор дода шаванд, ки таносуб ҳамчун дараҷаи иқтисодӣ дар худ як қатор хусусиятҳоро муттаҳид мекунад ва имконият медиҳад ҷойи он ва нақши он дар танзими иқтисодиёт дарк карда шавад. Дар ин муаллиф асос мақсад, вазифаҳо ва шаклу усулҳои танзими давлатиро бо дарназардошти хусусиятҳои зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти гӯшту шир асоснок намудааст (саҳ. 28-30).

Қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи диссертант таҳлили ташаккули танзими давлатии иқтисоди аграрӣ дар шароити бозор зарурати дахолати бештар фаъоли давлат ба иқтисодиёт тавассути исботи мавҷудияти «нокомӣ»-и мутобиқаткунонии механизми бозорӣ, усулҳои иқтисодии танзим дар асоси амали механизми бозории худтанзимкунӣ, ташаккули низоми пурраи танзими давлатӣ бо истифодаи методҳои танзими давлатии ҳам бозорӣ (иқтисодӣ) ва ҳам директивӣ (маъмурӣ) асоснок карда шудааст. Ӯ дар асоси арзёбии нақши танзими давлатии иқтисоди бозорӣ ва таҳлили равишҳои илмӣ вобаста ба методҳои таъсири давлат ба иқтисодиёт таҳаввули консепсияи танзими иқтисодиётро ва эволютсияи низоми танзими давлатиро асоснок кардааст (саҳ 42-45).

Дар асоси таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии танзими давлатӣ оид ба рушди зермаҷмӯи гӯшту шир, муаллиф дуруст қайд мекунад, ки мамлакатҳои дорои маҷмӯи тараққикардаи агросаноатӣ бо он фарқ мекунанд, ки дар онҳо дар асоси коорперативҳо фаъолияти машваратию иттилоотӣ низ ба роҳ монда мешавад. Асоси онро шабакаи васеи муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки корҳои илмию тадқиқотӣ мебаранд, дар амал ҷорисозии дастовардҳои илмиро дар таҷрибаи хоҷагидорӣ месанҷанд, ташкил медиҳад (саҳ. 54-56).

Боби дуюми диссертатсия –«Ҳолати муосири танзими давлатии зермаҷмӯи гӯшту шири ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ» (саҳ 66. 125), ба таҳлили вазъи муосири рушди зермаҷмӯи гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шароити дигаргунсозиҳоии иқтисодии комплекси агросаноатӣ, усулҳои банақшагирӣ, мувозинат ва фишангҳои таъсири танзими давлатии он дар рушди комплекси агросаноатӣ бахшида

шудааст. Дар ин қисмати кори диссертатсионӣ таҳқиқоти муаллиф бештар ба арзёбии вазъи кунунии рушди зермаҷмӯи гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Муаллиф вобаста ба раванди такрористеҳсолкунӣ, харид ва парвариши чорвои нисбатан ҳосилдеҳ, ташкили базаи хуби хӯроки чорво ва риояи саривақтии реҷаи хӯрокдиҳӣ ва ғайра сабабҳои асосии ҳаҷми нисбатан ками истеҳсоли шир дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аниқ ва асоснок намудааст (саҳ.81-83). Дар асоси аниқ намудани омилҳои ба динамикаи истеҳсоли гӯшту шир таъсиррасонанда ӯ ба хулосае меоянд, ки нарх ифодагари эътирофи маҳсулот ва хизматрасониҳои зерсохторӣ ба шумор рафта, ҳамчун омили муҳими батанзимдарорӣ баромад мекунад ва асоснок карда шудааст, ки тамоили афзоиши нархҳои миёнаи фурӯши намудҳои асосии гӯшт танҳо ба баланд бардоштани мақоми танзими давлатӣ воқеият пайдо карда метавонад. (саҳ. 94-95).

Дар диссертатсия дар асоси таҳлили алоқамандии манфиатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ бо инистутҳои давлатӣ ва бозорӣ банақшагирӣ дар қисмати идораи бизнес-раванд бо мақсади баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда муайян карда шуда, низоми банақшагирӣ бо дарназардошти нақшаи стратегии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нақшаи идораи бизнес – раванд асоснок карда шудааст (саҳ.,104-106).

Барои мутобиққунонии маблағгузории хоҷагиҳои зермаҷмӯи гӯшту шир аз тарафи муаллиф самтҳои танзими давлатии зермаҷмӯи гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ коркард ва асоснок карда шудаанд (саҳ.114-116).

Дар боби сеюм –«Роҳҳои татбиқи афзариятҳои рушди мутавозун дар низоми танзими давлатии зермаҷмӯи гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ» (саҳ.126-172) такмили танзими давлатии зермаҷмӯи дар сатҳи сатҳи минтақавӣ, равандҳои методии рушди механизмҳои банақшагирии дастгирии давлатӣ дар зермаҷмӯи гӯшту шир асоснок гардида, модели консептуалии танзими давлатии рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир коркард шудааст. Муаллиф такмили танзими давлатиро дар зермаҷмӯи сатҳи минтақа дар асоси мустаҳкамсозии алоқаҳои технологии байни истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагони гӯшт ва шир коркард намуда, таъсис додани Итифоқи истеҳсолкунандагони гӯшт ва ширро пешниҳод намудааст, ки вазифаҳои маниторинги бозор, ҷоннокгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузории хоҷагиҳо ва мутобиқаткунонии долони нархҳои индикативиро ба дӯш мегирад (саҳ.127-129).

Муаллиф дар асоси таҳлил имкониятҳо ва натиҷаҳои таҳияи семинарҳои инертсионии «захиравӣ» ва «мақсаднок» -и рушди бозори гӯшту шир ва маҳсулоти гӯшту ширро дар мисоли хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, таҳияи тавозуни «мақсадноки пешгӯишавандаро бо параметрҳои эндогениаш дар мисоли маҳсулоти шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои то давраҳои соли 2030» ба анҷом расонида, пешгӯӣ намудааст, ки тибқи он истеҳсолкунандагони минтақавӣ талаботи аҳолии ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро бо маҳсулоти шири холис ва равғани чорво пурра ва бо 80% таъмин хоҳанд кард (саҳ.150-153).

Дар кор коркарди муқаррароти илмии танзими давлатии зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир диққатҷалбкунанда мебошад. Муаллиф модели консептуалии декретиви низоми танзими давлатиро дар зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир бо муқаррар кардани роҳҳои таъмини самаранокии танзим таҳия ва асоснок намудааст (саҳ. 159-163).

Дар қисмати хулоса натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот пешниҳод гардидааст.

**7.Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Дар баробари ҳалли мсъалаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои ба дастовардашуда баъзе камбудиҳои алоҳида, андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Дар боби якуми диссертатсия «асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир хеле хуб асоснок карда шудаанд. Вале оид ба хусусиятҳои фарққунандаи методологии омӯзиши раванди танзими давлатӣ ва рушди мутавозун дар асоси он таҳқиқоти анҷомёфта, кам таваҷҷуҳ дода шудааст.

2. Дар қатори вазифаҳои махсуси танзими давлатӣ дастгирии афзалиятноки илм, маориф ва пешрафти илмию техникӣ ҳамчун фишанги асосии баландбардории самаранокии истеҳсолот ҷудо карда шудааст (саҳ. 30). Мутаассифона, дар давоми кор натиҷаҳои таҳлилии раванди танзими давлатӣ бо дарназардошти баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар асоси фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод нагардидааст.

3. Дар диссертатсия ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ низ ба

танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни иқтисодӣ шудаанд. Аммо оид ба эътироф ё назари мунаққидонаи муаллиф нисбати онҳо кам дида мешавад.

4. Муаллиф дар асоси таҳлили методи барномавии мақсадноки танзими бозорҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба хулосае омадааст, ки «барномасозии фаъолият дар давраи 5 ва 7 сола бешубҳа, амали мусбатест, ки ба ҳалли системавии мушкилот ва мутобиқгардонии мақсадҳо ва захираҳо оварда мерасонад» (саҳ. 115). Хуб мешуд агар муаллиф дар ин радиф пешниҳодҳои мушаххаси илмиро асоснок менамуд, он гоҳ натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам бойтар мешуданд.

5.Мувофиқи вазифаҳои гузошташуда дар зербоби 2.2. «Банақшагирӣ, мувозинат ва тавозун дар рушди зермаҷмӯи шир ва танзими давлатии он» оид ба асоснок намудани шароитҳои таъмини мувозин ва рушди зермаҷмӯи шир ва танзими давлатии он, аниқ кардани проблемаҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ институтҳои давлатӣ ва бозорӣ, инчунин таҷрибаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидории минтақа камтар ба назар мерасад.

6. Ҷадвалҳои таҳлилии 17 (саҳ. 96), 19 (саҳ 107), 20 (саҳ 109) дар диссертатсия ба кадом сатҳ(ҷумҳурӣ ё минтақа ) оварда шудааст, норавшан мондааст. Инчунин дар кор баъзе ҷумлаҳои таҳрирталаб ва хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасад.

Ба андешаи мо, эродҳои дар боло зикр шуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро коста намекунад.

**8. Мувофиқати диссертасия ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ.**

Диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, натиҷаҳои ба даст овардашуда дар худ ниъикос мекунад, ки ба ҳалли муаммоҳои танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ мусоидат менамояд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии онро ифода менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардашудаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту ширро тараққӣ медиҳанд.

Кори диссертатсионии Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзӯи «Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар

шароити иқтисоди бозорӣ (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» кори анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Олимов Дилшод Абдулхайрович дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05–Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) дода шавад.

**Муқарризи расмӣ:**

Профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи (Славянии) Россия ваТоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ — Комилов С.Ҷ.

Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам
Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — Давлатов Ҳ.Ҳ.

Суроға : 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
тел: (992)37.221-35-50
htt: // www. rtsu.tj /ru/